ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзуи: «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ пешниҳод гардидааст

Мубрамият:

Автореферат мавзӯи муҳим ва актуалиро баррасӣ менамояд, ки ба бемориҳои сироятии ҳайвонот ва таъсири онҳо ба амнияти озуқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф ба таври мукаммал ва бо истифодаи усулҳои муосири озмоишгоҳӣ, аз қабили аксуламали занҷираи полимеразӣ, ташхиси серологӣ, бактериологӣ ва пешниҳод шудаанд. Ин таҳқиқот бо ҳуҷҷатгузории муфассал ва ҳамзамон омӯзиши устуворнокии микроорганизмҳо нисбат ба антибиотикҳо тасдиқи натиҷаҳоро бо усулҳои эътимоднок таъмин намудааст. Инчунин, истифодаи усулҳои навини ташхисии брутселлёз ва дигар сироятҳо дар ҳайвонот як ҷузъи муҳим ва навоваронаи кори илмӣ ба шумор меравад

Нақши чорводорӣ дар иқтисоди Тоҷикистон ва хатарҳои бемориҳои зоонозӣ, махсусан тавассути маҳсулоти ширӣ, як мавзӯи муҳими пажӯҳишӣ мебошад.

Навоварӣ: Барои аввалин бор истифодаи усулҳои нави ташхис ва доруҳои гиёҳӣ барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширӣ дар шароити ҷумҳурӣ тадқиқоти васеъдоман гузаронида шудааст.

Дар баробари ин хусусиятҳои клиникӣ ва эпизоотологии брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои кокиҳоро омӯхтааст, ки дар рушди илмҳои микробиология ва эпизоотология, ҳамзамон пешгирии бемориҳо саҳми назаррас доранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот

Таҳқиқот ба таври назариявӣ вазъи бемориҳои сироятии зоонозиро дар чорводории ҷумҳурӣ таҳлил намуда, барои рушди илм ва омӯзиш дар соҳаи тибби ветеринарӣ заминаи хуб фароҳам овардааст.

Аҳамияти амалии кори мазкур дар пешниҳоди тавсияҳои методӣ ва дастурҳои ташхисӣ барои пешгирии бемориҳои брутселлёз ва дигар сироятҳо дар чорво намоён аст, ки барои амалӣ намудани чораҳои зиддиэпизоотӣ муҳим мебошад.

Тасвири умумии кор ва тартиби анҷом додани тадқиқот

Кор ба таври систематикӣ ва бо риояи тамоми талаботи илмӣ иҷро шудааст. Вазифаҳо ба таври равшан муайян гардида, бо усулҳои гуногуни тадқиқотӣ, аз ҷумла микроскопӣ, бактериологӣ, биологӣ, молекулавӣ ва клиникӣ, ба иҷро расонида шудаанд. Интихоби намунаҳо ва шароити

таҳқиқот мувофиқи стандартҳои илмӣ анҷом ёфта, натиҷагирии дуруст ва дақикро таъмин менамояд

Хулоса ва тавсияҳо: Рисолаи илмии Шарипов Рустам Миралиевич кори илмии мукаммал, боэътимод ва актуалӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада ба беҳтар намудани методҳои ташхисӣ ва табобати бемориҳои зоонозӣ дар чорводории Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун роҳнамои амалӣ барои мутахассисон ва муассисаҳои илмию истеҳсолии соҳа хизмат намоянд. Ҳамчунин, натиҷаҳо барои омӯзгорон ва донишҷӯён манбаи муҳим барои омӯзиш ва таҳқиқоти минбаъда мебошанд.

Автореферат пурра сохтор ва муҳтавои кори рисолавии диссертантро инъикос мекунад. Рисолаи Шарипов Р. М. як таҳқиқоти илмии ба анҷомрасонида мебошад, ки дар мавзӯи мубрам бо истифодаи методология ва усулҳои муосир иҷро гардида, барои илми тибби ветеринарӣ ва амалияи он аҳамияти муҳим дорад.

Довталаб сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ мебошад.

Ходими калони илмии Шуъбаи
паразитологияи Институти зоология
ва паразитологияи ба номи
Е.Н. Павловскийи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, н.и.б. Қадамзода Д.С.
04.10.с2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Ҳалқаҷар, к/п 70.
Tel.: (992) 989-11-68-48
E-Mail.: kadamov.d@mail.ru

Имзои Қадамзода Д.С.- ро тасдиқ мекунам.
Нозири калони Шуъбаи кадрҳои Институти
зоология ва паразитологияи ба номи
Е.Н. Павловскийи АМИТ Якубова Н.М.

ПУРУСТ:
ИДОРАИ КАДРҲОИ ШУЪБАИ
КАДРҲОИ ИЗ ва П АМИТ.
"04" 10 с.2025
ИМЗО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Ҳалқаҷар, к/п 70.
Tel.: (992) 935-33-76-02
E-Mail.: izip41@mail.ru

04.10.с2025